**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
16-уми июни соли 2026, таҳти №129

Барои сазовор донистани Асадуллозода Абдулазиз Асадулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Асадуллозода А.А. дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 07 апрели соли 2026, суратмаҷлиси №116 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Асадуллозода Абдулазиз Асадулло 1-уми марти соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2016 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2020 бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳ номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» дохил шуда, соли 2022 зинаи мазкурро низ бо дипломи аъло хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори ДМТ аз 05-уми декабри соли 2024, №489–05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносӣ қабул шудааст.

Номбурда фаъолияти меҳнатиашро моҳи сентябри соли 2021 ба сифати соатбайъ дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз намуда, аз 1-уми сентябри соли 2022 ба ҳайси ассистенти кафедраи мазкур ба кор қабул шуда, то соли 2024 фаъолият намудааст. Аз 25-уми апрели соли 2024 ба вазифаи мутахассиси шуъбаи назорати сифати таҳсилоти Донишгоҳ, аз 01 марти соли 2025 ба вазифаи сармутахассиси раёсати таълим ва аз 31-уми майи соли 2025 ба вазифаи сардори шуъбаи назорати сифати таҳсилоти Донишгоҳ таъин

гардидааст, ҳамзамон ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда то ин ҷониб фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи унвонҷуй: «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 15-уми январи соли 2025, таҳти №6, тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ санаи 27-уми феврали соли 2026, №27 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2026, №9 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Мирзозода Парвон Зайналобудин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, директори Муассисаи давлатии «Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон».

**Муқарризони расмӣ:** Бобозода Ҷамрод Қурбон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тодикистон.

Аминова Фарида Маҳмадаминовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ихтисос: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси Семинари васеи илмӣ – назариявӣ Холиқов Н.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки муассисаи таҳсилоти олии касбии номбурда ва котиби ҷаласа Раҳимзода С.О. – муаллими калони кафедраи дар боло зикршуда, имзо ва аз ҷониби ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии зикршуда, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 22-юми майи соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, диссертатсияи ташхисшуда ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф тахияшуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, таҳлили қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Асадуллозода А.А. муаллифи 11 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни шартномаи эскроу бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди умумии асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 6,8 ҷ.ч. мебошанд.

Шумораи асарҳои интишоргардида эътимоднок буда, аз мазмуни натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бармеоянд, инчунин ба мавзуи диссертатсия ва автореферат мутобиқ мебошанд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**1.** Абдулазизи, А. Шартномаи эскроу (амонатгузории шартӣ) дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон [Матн] / А. Абдулазизи, Б.С. Шерзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №1 (57). – С. 180-188. ISSN 2410-2903.

**2.** Абдулазизи, А. Мафҳум ва моҳияти шартномаи шартӣ (эскроу) [Матн] / А. Абдулазизи // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №2 (38). – С. 226-233. ISSN 2414 9217.

**3.** Абдулазизи, А. Тарафҳои шартномаи эскроу ва вазъи ҳуқуқии онҳо дар муносибатҳои шартномавӣ [Матн] / А. Абдулазизи // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №12. – С. 298-307. ISSN 2413-5151.

**4.** Абдулазизи, А. Мавзуи шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) [Матн] / П.З. Мирзозода, А. Абдулазизи // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2026. – №1. – С. 197-303. ISSN 2413-5151.

**5.** Асадуллозода, А.А. Таносуби шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) бо дигар шартномаҳои ҳуқуқии маданӣ [Матн] / А.А. Асадуллозода // Қонунгузорӣ. – 2026. – №1 (61). – С. 85-92. ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ - амалӣ чоп шудаанд:**

6. Абдулазизи, А. Ҳифзи ҳуқуки сармоягузорон мувофиқи қонунгузории ҶТ [Матн] / А. Абдулазизи // Маводҳои мизи мудаввар дар мавзуи «Иҷрои

санадҳои судӣ барои ситонидани маблағ ба манфиати соҳибкорон яке аз кафолатҳои ҷолибияти инвеститсионӣ дар кишвар» (ш. Душанбе, 2021). – С. 41-47.

**7.** Абдулазизи, А. Моҳияти ҳуқуқии шартномаи эскроу [Матн] / А. Абдулазизи // Маводи конференсияи ҷумҳуривии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «Соли 2023 – Соли забони русӣ» ва «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо». – Душанбе, 2023. – С. 247-154.

**8.** Абдулазизи, А. Суратҳисоби эскроу дар сохтмони ҳиссагӣ» [Матн] / А. Абдулазизи // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт таҳти унвони «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2024. – С. 180-186.

**9.** Абдулазизи, А. Табиати ҳуқуқии падидаи эскроу [Матн] / А. Абдулазизи // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солагарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 177-185.

**10.** Абдулазизи, А. Пайдоиши падидаи эскроу дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А. Абдулазизи // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ – омили тарбияи ҷавонон дар ҷомеаи муосир» бахшида ба эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Хоруғ, 2024. – С. 7-13.

**11.** Асадуллозода, А.А. Ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроу [Матн] / А.А. Асадуллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар асоси Барномаи давлатии «Муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва бахшида ба 35- солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2026. – С. 196-210.

**III. Маводи дигари илмии нашргардида:**

**12.** Абдулазизи, А. Ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ барои факултетҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн]: нашри якум // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Ғ.М. Бобокалон // А. Абдулазизи, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзод, Ф.Ҳ. Азамақулов, Н. Шонасриддинов, Р.В. Мирбобоева, О.А. Мавлоназарзода, Х.С. Каримов, И.М. Шарифов, С.И. Исмонализода, М.Ҷ. Мансурӣ, Р.М. Хоҷаева, П.З. Мирзозода, И.З. Саъдиев, Ғ.М. Бобокалон, С.К. Ризоева, Ш.С. Шаъбонов, Ф.А. Амирзода, Э.Д. Кабутов – Душанбе: «МДМТ», 2025 – 274 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта ва ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Қурбонализода Н.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе;

Бобоҷонзода И.Ҳ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Маҳмадшозода Ф.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ байнипарламентӣ ва ташрифотии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Олимзода Д.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта ҷой доранд:

– дар сархати дуюми нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда тарзи бастани шартномаи эскроу бе тасдиқи ҳатмии нотариалӣ маънидод шудааст. Тақриздиҳанда ин нуқтаро баҳснок меҳисобад ва бар он назар аст, ки шартномаи эскроу хусусияти кафолатӣ дорад. Ба андешаи ӯ, агар шартномаи эскроу бе тасдиқи нотариалӣ баста шавад, сатҳи эътимоднокӣ ва кафолатнокии он метавонад коҳиш ёбад;

– яке аз муқарризон пешниҳод намудааст, ки «...баъзе ҷанбаҳои фарққунандаи эскроу аз кафолати бонкӣ ва аккредитив метавонанд бо далелҳои иловагии назариявӣ ва амалии бештар асоснок гардонида шаванд»;

– эроди дигар дар он дида мешавад, ки «...таҳлили васеътари таҷрибаи давлатҳои дорои низоми ҳуқуқии монанд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист арзиши муқоисавии таҳқиқотро боз ҳам тақвият бахшад.» Яъне, эрод дар он аст, ки беҳтар мебуд давлатҳое бештар таҳлил мешуданд, ки низоми ҳуқуқии онҳо ба Тоҷикистон наздик аст (масалан, кишварҳои пасошӯравӣ ё давлатҳои низоми ҳуқуқи романӣ-олмонӣ);

– ба унвонҷуй савол додаанд, ки оид ба маъно, моҳият, имкони тарҷума ба забони давлатӣ ва асоснокии истифодаи ин истилоҳ шарҳу пешниҳодҳои қофӣ манзур намояд;

– яке аз муқарризон ба унвонҷуй савол додааст, ки асосҳо ва оқибатҳои қатъ гардидани уҳдадориҳо аллакай дар меъёрҳои умумии ҳуқуқи шартномавӣ ва қонунгузории маданӣ танзим шудаанд. Аз ин рӯ, зарурати ворид намудани мафҳуми алоҳидаи ҳуқуқии «қатъ шудани шартномаи эскроу» ба қонунгузориро бо чи асоснок кардааст?.

Аз унвонҷуй пурсида мешавад, ки ҳангоми ҳимояи рисолаи илмӣ дар шурои диссертатсионӣ оид ба масъалаҳои зикршуда андешаи худро баён намояд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин шудаанд.

Инчунин, интихоби онҳо бо он асоснок карда мешавад, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва иҷрои корҳои илмӣ – таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни рисолаи илмии анҷомдодашуда, алоқамандӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси анҷом додани таҳқиқоти мазкур:**

– **коркард карда шуд:** дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили мукаммали як қатор масъалаҳои муҳимми дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ анҷом дода шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пажуҳиши нахустини илмӣ дар ин соҳа маҳсуб мешавад. Пешниҳодҳое ироа мегарданд, ки барои такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар гирифтани воқеиятҳои муосир ва талаботи муомилотии маданӣ равона шудаанд;

– **таҳлил гардид:** таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ, унсурҳои шартномаи эскроу, вазъи ҳуқуқии тарафҳо дар шартномаи эскроу;

– **хусусиятҳои** ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроу барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани шартнома ошкор гардид;

– **пешниҳод шуд**: шартномаи эскроу бештар дар соҳаҳое баста шавад, ки дар онҳо эътимод байни тарафҳо кам аст, маблағ калон мебошад ё иҷрои ӯҳдадорӣ бояд кафолат дода шавад. Моҳияти он дар он аст, ки шахси сеюм (одатан бонк ё ташкилоти боэътимод) маблағ ё ҳуҷҷатро нигоҳ медорад ва танҳо баъд аз иҷрои шарт онро ба тарафи дигар медиҳад;

– **исбот шудааст**: як қатор мафҳумҳои назариявии дар рисола таҳияшуда, пешниҳодҳои илмиву амалии манзуршуда метавонанд барои рушду инкишофи назарияи ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ имконияти мусоид фароҳам оварда метавонад;

– **ҷорӣ намудан:** Дар бисёр муносибатҳои шартномавӣ мушкилоти асосӣ ин нобаробарии эътимод байни тарафҳо мебошад. Масалан, дар хариду фурӯши молу мулк харидор хавфи аз даст додани маблағ ва фурӯшанда хавфи

нагирифтани пардохтро дорад. Эскроу ин хавфҳоро тавассути иштироки шахси сеюм,– эскроу–агент кам менамояд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст:** аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он ба рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ ва такмили донишҳои илмӣ оид ба институтҳои нави шартномавӣ мусоидат менамояд. Дар раванди таҳқиқ моҳият, хусусиятҳои ҳуқуқӣ, унсурҳо ва механизми амалишавии шартномаи эскроу ҳамчун шакли муосири таъмини иҷрои ӯҳдадориҳо баррасӣ мегардад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва пешниҳодҳои он метавонанд барои такмили муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва рушди амалияи шартномавӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои манзуршуда, инчунин, дар таҳқиқот самаранок истифодашудани усулҳои илмии диалектикӣ, расмӣ – ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, мантиқӣ, таърихӣ – ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ – ҳуқуқӣ, асос меёбад;

– **баён шудани** мафҳуми шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ), ки метавонад ҳам дар сатҳи илмиву назариявӣ ва ҳам дар соҳаи амалӣ – ҳангоми таҳия ва такмили қонунгузорӣ, омода кардани ҳуҷҷатҳои шартномавӣ, ҳамчунин дар ҷараёни ҳалли баҳсҳое, ки аз шартномаи амонативу молиявӣ бармеоянд, истифода гардад;

– **ошкор гардидани** он ки шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) ба таври мустақим бар манфиатҳои молумулкӣ ва кафолатии шаҳрвандон таъсир мегузорад, бояд танзими он бо ҳадафи пешгирӣ аз хатарҳои эҳтимолӣ, ки метавонад боиси талафоти ҷиддии моддӣ гардад, равона карда шавад. Дар сурати мавҷуд набудани механизми самараноки таъмини ҳуқуқии шартнома эҳтимоли зиёде вуҷуд дорад, ки тарафҳо расонидани зарари моддӣ, аз ҷумла аз даст додани молу мулк ё қисми зиёди дороиҳои молумулкӣ ба вуҷуд оянд;

– **омухта шуданд**: тафовути шартномаи эскроу бо шартномаи нигоҳдорӣ, суратҳисоби бонкии эскроу, шартномаи супориш, шартномаи хариду фурӯш, шартномаи мазкур бо онҳо, ягонагӣ ва умумияти зиёд дошта бошад ҳам, аммо аз рӯи хусусиятҳои субъективӣ, объективӣ, мақсад ва мазмун аз якдигар тафовут доранд. Масъалан таносуби шартномаи эскроу бо шартномаи нигоҳдорӣ пеш аз ҳама бо мақсади шартномаи нигоҳдорӣ, ки ҷиҳати таъмини амнияти бехатарӣ барои аз нав супоридани он ба соҳибмулкаш маҳсуб меёбад, аммо дар шартномаи эскроу молу мулки ба амонат гузошташуда на ба соҳибмулк, балки ҳангоми

иҷрои шартҳои шартнома ба шахси сеюм (бенефитсиар) супорида мешавад. Дар шартномаи нигоҳдорӣ агар асоси супоридани молу мулк талаби соҳибмулки он маҳсуб ёбад, аммо дар шартномаи эскроу пешниҳод факти иҷрои ухдадорӣ ба шумор меравад

– **аз нав такмил додани:** объектҳо ва ҳифзи онҳо, пешниҳод мешавад, ки м. 1032 бо иҷозати эскроу барои молу мулки ғайриманқул (ба монанди ИМА ва RESPA) ва коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ пурра карда шавад. Ин барои муомилоти калон ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ муфид аст. Барои баланд бардоштани сифати агентҳо, ҷиҳати ташаккули қонунгузорӣ, ба м. 1033 бо талаботи иҷозатнома барои агентҳои ғайрибонкӣ (ба монанди Чин ва ширкатҳои эскроу) ва иҷозати нотариусҳо ҳамчун агент (ба монанди Олмон) такмил дода шавад. Барои нигоҳдошти мӯҳлат ва санҷиш, пешниҳод мешавад, ки м. 1031 (қ. 2) мӯҳлати 5 солро муқаррар намудааст (бо розигии тарафҳо зиёд кардан мумкин) ва м. 1034 санҷиши ҳуқуқии пурраро барои ҳолатҳои мураккаб (ба монанди фидутсияи Фаронса) илова намояд. Ин барои муомилоти дарозмуддат мувофиқ аст. Барои ҳифзи пурра ва рушд, пешниҳод мешавад, ки м. 1038 бо маҳдудияти рӯёниш ба ҳуқуқҳои тарафҳо (ба монанди PSD2 ЕС) ва ҷорӣ кардани эскроуи рақамӣ дар сохтмон ва ипотека (ба монанди Нигерия ва ИМА) такмил дода шавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ** дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки ба муқаррароти қонунгузории амалкунанда ва мавқеи доктринаи ҳуқуқӣ аломатҳои муҳимме, ки ба ин категория хосанд, равшан карда шавад. Таваҷҷуҳи хосса ба ҷудо намудани мафҳумҳои «шартномаи эскроу» ва «суратҳисоби бонкии эскроу» аз манзари таносуби онҳо бар асоси таснифоти робитаи умумӣ равона шудааст, ки имконият фароҳам меорад то вазифаи функсионалии онҳо дар сохтори муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дақиқтар муайян карда шавад. Ҳамин тавр:

– **муайян карда шуданд**, ки қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва амалияи ҳуқуқтатбиққуниро таҳлилу баррасӣ намуда, асарҳои илмии як қатор олимони ватаниву хориҷиро ҷиҳати мукаммал гардонидани диссертатсияи худ мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҳама эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамояд. Ҳамзамон довталаби дараҷаи илмӣ ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ – амалӣ дастраси дигарон намудааст. Хулосаю пешниҳод ва тавсияҳо бо сарчашмаҳои эътимодноки илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва амалияи танзими ҳуқуқӣ, асоснок шудаанд;

– **офарида шуд:** Дар қ. 1 м. 1039 КМ ҶТ калимаҳои «қатъ шудани ваколатҳои нотариус» ба калимаҳои «қатъ шудани фаъолияти идораи

нотариалии давлатӣ» иваз карда шавад, зерро тибқи муқаррароти қонунгузорӣ дар кишвар низоми нотарати давлатӣ амал карда, нотариуси хусусӣ фаъолият намекунанд. Дар заминаи таҳлили қонунгузории амалкунанда дар номгӯйи асосҳои қатъ гардидани шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ ва муқаррароти м. 1039 КМ ҶТ номбар кардани вафоти нотариус ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ мувофиқат намекунад;

**– муаррифӣ карда шуд:** дар боби 34 КМ ҶТ вобаста ба асосҳои тағйир додан ва бекор кардани шартнома муқаррароти умумиро пешбинӣ карда бошад ҳам, дар тафовут бо аксарияти шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ дар шартномаи эскроу муқаррароти махсусро оид ба асосҳои қатъ шудани ин шартнома дар м. 1039 муқаррар намудааст. Новобаста ба асосҳои пешбинишуда, қонунгузории маданӣ танҳо ба онҳо маҳдуд нагардида, дигар қоидаҳои пешбининамудаи қонунгузории маданиро низ ҳамчун асоси қатъ шудани ин шартнома истифода менамояд. Ҳангоми ба вуҷуд омадани нофаҳмоиҳо ҳангоми татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ оид ба қатъ шудани шартномаи эскроу муқаррароти махсус афзалият дошта, ин меъёрҳо назар ба дигар бартарият доранд;

**– баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба таҳлили пурраи қонунгузории соҳавӣ ва амалияи судӣ, аввалин таҳқиқоти мукаммал оид ба масъалаҳои асосии хусусият ва функсияҳои шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва амалияи ҳуқуқтатбиққуниро таҳлилу баррасӣ намуда, асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷиро ҷиҳати мукаммал гардонидани диссертатсияи худ мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҳама эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд;

**– барои корҳои таҷрибавӣ:** Танзими самараноки ҳуқуқии мадании шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) барои дастёбӣ ба як қатор ҳадафҳои муҳим мусоидат мекунад: коҳиш додани таваккал ва зиёнҳо, пешгирии ихтилофҳо ва баҳсҳо, рафъи номуайянии ҳуқуқӣ ва нофаҳмиҳо байни тарафҳо, инчунин таҳкими устувории муомилоти маданӣ.

**– ғоя асоснок шудааст:** Истилоҳи «эскроу» ҳам дар ҳуқуқи миллӣ ва ҳам дар ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври васеъ истифода мешавад ва ҳамчун қоида як категорияи умумиеро ифода менамояд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ба таври васеъ истифода менамояд.

**– муайян шуданд:** дар ҳуқуқи маданӣ чанд истилоҳ вобаста ба мавзуи мазкур мавриди истифода қарор дода мешавад: «тағйир додани шартнома», «рад кардани шартнома», «бекор кардани шартнома», «беэтибор донистани шартнома» ва «қатъ кардани шартнома». Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳангоми

ва иқтисоди Тоҷикистон, Аминова Фарида Маҳмадаминовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон, баромади аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Маҳмудзода М.А., Тағойназаров Ш.Т., Ғаюрзода Ш.К. ва муқарризи ғайрирасмӣ Шерзода Б.С.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳ будан, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло, инчунин оид ба интишороти у қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба Асадуллозода Абдулазиз Асадулло аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш менамоем, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунандаи шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.